***Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)***

***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ) пешниҳод шудааст.***

Муаллифи автореферати диссертатсия Давлатзода Д.Ш. дар таҳқиқот хусусиятҳо ва омилҳои ҷалби сармоягузории хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли вилояти Хатлон мавриди омӯзиш қарор дода, ҷанбаҳои муҳими иқтисодии ин мавзуъро возеҳу равшан инъикос намудааст.

Мавзуи таҳқиқнамудаи муаллиф аҳамияти стратегӣ дошта, ба рушди иқтисод ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири мусбӣ дорад. Давлатзода Д.Ш. вазъи ҷорӣ ва сатҳи ҷалби сармоягузории хориҷиро таҳлил карда, равандҳои ҷолибият ва механизми истифодабарии саромоягузориҳои хориҷӣ низ дар таҳқиқ ба назар гирифтааст.

Таҳқиқот нишон дод, ки бахшҳои саноат, кишоварзӣ ва хизматрасонии вилояти Хатлон эҳтиёҷ барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дорад. Таҳлилҳои омори иқтисодии рисола барои исботи натиҷаҳои мазкур истифода шудаанд. Сабабҳои асосии ҷалби сармоягузорони хориҷӣ сиёсати иқтисодии устувор ва имтиёзҳои андозӣ мебошанд. Инчунин, рушди инфрасохтор ва муҳити тиҷорат барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

Муаллиф тавсияҳои амалӣ барои мақомот ва соҳибкорон пешниҳод мекунад. Ин тавсияҳо ба самаранок кардани раванд ва баланд бардоштани ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ равона шудаанд. Таҳлили муқоисавӣ бо дигар минтақаҳо нишон медиҳад, ки сатҳи ҷалб дар вилояти Хатлон хусусияти хоси стратегӣ дорад. Барқарорсозии сохтори ҳуқуқӣ ва содда кардани раванди ташкили тиҷорат ҳамчун чораҳои муҳими амалӣ пешниҳод шудаанд.

Ҳаминтавр, таҳқиқоти гузаронидаи Давлатзода Д.Ш. дорои аҳамияти рушди иқтисоди минтақа ва таҳияи сиёсати стратегӣ мебошад. Аз ин рӯ, ин таҳқиқот заминаи назариявӣ ва амалии муҳиме барои рушди сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба мавзуи баррасишуда баъзе нуқсонҳо дида мешаванд, ки онҳо чунинанд:

1. Муаллиф дар саҳифаи 25-и автореферат (диаграммаи 1) таҳлили сохтории муқоисаи таркиби сармоягузориҳои хориҷии воридшудаи мустақим ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои 2022-2023 арзёбӣ намудааст. Бо вуҷуди ин, аз нигоҳи мо, мувофиқи мақсад мебуд, агар дар ин бахш ақалан 3 ё 4 солро мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор медод.

2. Дар баъзе ҷойҳои матн ё ҷадвалу расмҳо хатогиҳои имлоӣ дида мешавад, ки исилоҳи онҳо ба манфияти кор мебошад.

Эродҳои дар боло қайд карда шуда, хусусияти тавсиявӣ доранд. Бояд қайд намуд, ки ин камбудиҳо ба мазмуни асосии автореферати диссертатсия монеа шуда наметавонанд. Автореферат ва мақолаҳои чопшуда сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Хулоса, автореферати диссертатсия дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 ва дигар муқаррароти Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлатзода Дилшод Шералӣ барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050603 - Иқтисодиёти ҳудудӣ) арзанда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент**
**мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва**
**андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара** **Раҳматов Б.Қ.**

**Имзои Раҳматов Б.Қ. - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Данғара** **Тоирзода С.Т.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ 25,
Тел: (+992) 100003686, E-mail: rbakhtovard@bk.ru “ ” _____ 2026с.